# САРДОРИ

# ХАДАМОТИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МЕҲНАТ, МУҲОҶИРАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

## ФАРМОИШ

аз «01» 12 соли 2025 №_______ ш.Душанбе

Дар бораи гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Мутобиқи талаботи моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва талаботи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 тасдиқ шудааст, бо мақсади муайян намудани мувофиқати хизматчиёни давлатии маъмурии Хадамот ба мансаби ишғолнамуда, **ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Аттестатсияи навбатии хизматчиёни давлатии маъмурии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ «23» «12» соли 2025, соати 09-00 гузаронида шавад.

2.Ҷадвали гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва маҳалии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

3.Роҳбарони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва маҳаллии Хадамот тавсифномаҳои хизматии кормандони тобеъи аттестатсияшавандаро таҳия ва на дертар аз 10 рӯз то баргузории аттестатсия ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси Хадамот пешниҳод намоянд

4. Комиссияи аттестатсионии Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ аттестатсияи мазкурро бо риояи талаботи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 тасдиқ шудааст, баргузор намояд.

5.Бахши кадрҳо ва корҳои махсус нусхаи фармоиши мазкурро ба масъулин ирсол намуда, хизматчиёни давлатии аттестатсияшавандаро бо он шинос намояд.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Сардори Хадамот С. Маҳмадзода